ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 014 дар назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

«26» 12 соли 2023 №46 ш.Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пас аз шунидани хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ дар ҳайъати – д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О. (раиси комиссия), д.и.и., дотсент Аминов И., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г. қарор қабул кард:

1.Хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба масъалаи мутобиқ будани диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба самти ихтисоси зикршуда ва фаъолияти шурои диссертатсионӣ тасдиқ карда шавад.

2.Диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣба ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Ашуров Субҳонидин Бурҳонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳсилоти касбӣ ва тайёр кардани кадрҳои коргарии Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Умарзода Навруз Нурулло** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4.Рӯйхати зерини аъзои шуро, ки мутахассис оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда мебошанд, тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қандиёрова Д.О.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аминов И.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирсаидов С.А.
- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафаров Б.Г.

5. Санаи ҳимоя 01 марти соли 2024 таъин карда шавад.

6.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

7. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо теъдоди 100 нусха бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

8. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

Дар асоси варақаи ҳузур дар ҷаласа 14 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ иштирок намуданд.

Қарори ҷаласаи шуро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ Убайдуллоев Ф.К.